**ХУЛОСАИ**

комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6DKAO-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Иноятова Зебинисо Подабоновна дар мавзӯи «Мавқеи муаллиф - ноқил дар осори публитсистӣ (дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – журналистика пешниҳод шудааст.

аз 1 апрели соли 2020 ш. Душанбе

Диссертатсияи номзадии Иноятова Зебинисо Подабоновна ба яке аз мавзӯъҳои муҳими журналистика – мавқеи муаллиф - ноқил дар осори публитсистӣ, воқеият ва бадеият дар насри мустанади Фазлиддин Муҳаммадиев бахшида шудааст.

**Аҳаммияти мавзӯи диссертатсия** яке аз масъалаҳои нисбатан камтаҳқиқшуда нақши ноқил дар публитсистикаи адиб мебошад, ки мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Масъалаи воқеият ва бадеият дар насри публитсистӣ, хусусан, дар осори Фазлиддин Муҳаммадиев мавқеи махсус дошта, омӯзишу баррасии он чандин ҷанбаро фаро мегирад. Дар диссертатсия ба масъалаҳои воқеият ва бадеият, таносуби онҳо дар осори публитсистӣ, нақши тасаввур, аносири тасвир ва инъикос, инчунин, симои нависанда чун иштирокчии бевоситаи воқеаҳо диққат дода шудааст. Ҳамчунин, дар рисола ақидаҳои худшиносӣ, гуманитарию фалсафии нависанда дар алоқамандӣ ба фаъол будани образи ноқил мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар бораи осори Ф. Муҳаммадиев таҳқиқоти зиёди адабиётшиносӣ сурат гирифта бошад ҳам, масъалаи мавқеи муаллиф дар публитсистикаи ӯ ҳанӯз пурра пажӯҳиш нашудааст.

**Навгонии таҳқиқро**, пеш аз ҳама, дар интихоби мавзӯъ, гузориши масъала ва муносибат ба он. Бори нахуст симои ноқил дар осори

публитсистии нависандаи халқии Тоҷикистон Ф. Муҳаммадиев дар шакли монографӣ таҳқиқ гардида, нақши муаллиф дар инъикос ва баррасии воқеияти замони муайян нишон дода шудааст.

Дар диссертатсия аз таҷриба ва асарҳои бунёдии М.М. Бахтин, В.М. Горохов, С. Ш. Табаров, М. Шакурӣ, Х. Шарифов, М. Имомов, И. Усмонов, А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, М. Муродов, А. Азимов, М. Абдуллозода ва дигар олимон истифода шудааст.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ дар се боб ва нуҳ фасл тасниф шуда, то андозае ҷанбаҳои гуногуни мавзӯи пажӯҳишро фаро гирифтаанд.

Диссертатсия, ки дар заминаи таҳқиқи асарҳои публитсистии Ф. Муҳаммадиев, хусусан, асарҳои «Дӯстон тоҷи сар», қиссаи мустанади «Зайнаббибӣ» ва «Писари газета» фароҳам омадааст, имкон медиҳад, то мавқеи сухани муаллиф чун ноқил ва муносибати иҷтимоии ӯ дар ҷомеа муайян шавад. Маълум мешавад, ки шахсияти нависанда дар таъминоти ҷисмониву рӯҳӣ ва ҷаҳонбинии персонажу қаҳрамонҳояш нақши муҳим дошта, он муносибати ӯро ба ҷомеа басо мувофиқ ва омӯзанда нишон додааст. Муҳтавои диссертатсияро метавон дар пажӯҳишҳои минбаъдаи публитсистикашиносӣ, тадриси курс ва семинарҳои ихтисос дар факултетҳои филология ва журналистикаи мактабҳои олии ҷумҳурӣ, таълифи китобҳои дарсӣ ва омӯзиши таърихи публитсистикаи тоҷик истифода кард.

Муҳиммият, навгонӣ, аҳаммияти назарӣ ва амалии диссертатсияи Иноятова Зебинисо Подабоновнаро ба назар гирифта, комиссияи ташхис ба чунин хулоса омад:

**Хулоса**

1. Диссертатсияи Иноятова Зебинисо Подабоновна “Мавқеи муаллиф - ноқил дар осори публитсистӣ (дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев)” дар маҷмӯъ, кори илмии анҷомёфта буда, мундариҷаи он ба ихтисоси 10.01.10 – журналистика, ки дар Шӯрои диссертатсионии 6DKOA-022 ба ҳимоя иҷозат дода мешавад, мувофиқат мекунад.

2. Мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф (10 адад), ки 7 адади он дар маҷаллаҳои илмии ба номгӯи нашрияҳои тақризнавандаи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомилгардида чоп шудаанд, мазмуни асосии рисоларо инъикос мекунанд. Ҳаҷми умумии корҳои интишоршуда 4,5 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

3. Автореферат ба талаботи кори илмӣ мувофиқ буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтааст.

4. Диссертатсияи Иноятова Зебинисо Подабоновна барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6DKOA-022 пешниҳод карда шавад.

5. Ба ҳайси муқарризони расмӣ муҳаққиқони зерин, ки корҳои илмию таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.10 – журналистика мувофиқат мекунанд, тавсия карда шаванд:

**Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR –и Донишгоҳи (славянии) Россияву Тоҷикистон.

**Раҳимҷонов Хушдилҷон Умарқулович** – номзади илмҳои филологӣ, муовини сармуҳаррири МД "Баҳори Аҷам".

Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода пешниҳод карда шавад.

Раиси комиссяи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ М. Муродов

Аъзои комиссияи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ А. Азимов

доктори илмҳои филологӣ, профессор
узви Шӯрои диссертатсионӣ М. Абдуллозода